Н 44

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТӢ

***Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич*** *-докторанти PhD кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров,*

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ТРУДОВОГО ПОТЕНЦИАЛА

***Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич*** *-докторант PhD кафедры управления экономикой и маркетинга ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд)*

## THEORETICO-METHODOLOGICAL GROUNDS TARGETED AT THE STUDY OF LABOUR POTENTIAL

***Negmatov Shukrullokhon Lutfulloevit*** *-(PhD) Doctoral Student of the Department Economic Management and Marketing under the SEI «Khujand State University named after academician B.Gafurov» (Tajikistan Republic, Khujand);*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтидори меҳнатӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, минтақа, қувваи корӣ, захираҳои меҳнатӣ*

*Дар мақола оид ба масъалаи асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқи иқтидори меҳнатӣ сухан рафтааст. Қайд карда мешавад, ки назарияи иқтидори меҳнатӣ то ҳанӯз ниҳоят ташаккул наёфта, дар байни муҳаққиқон ягонагии комили ақидаҳо роҷеъ ба асосҳои консептуалии он мавҷуд набуда, мавқеи иқтидори меҳнатӣ дар силсилаи категориявии мафҳумҳои дигари иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда нашудааст. Муаллиф дар тадқиқоташ маълум менамояд, ки ташаккул ва истифодаи иқтидори меҳнатӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои иқтисодӣ, меъёрҳо ва институтҳои ҷузъи бозори меҳнат мебошад. Ҳамчунин, дар макола муносибати байни мафҳумҳои “иқтидори меҳнатӣ”, “қувваи корӣ” ва “захираҳои меҳнатӣ” тахлил шудааст. Муаллиф таъкид бар он мекунад, ки ҷанбаи зикршудаи мундариҷаи иҷтимоию иқтисодии иқтидори меҳнатӣ барои минтақа хос буда, вале то андозае танг аст, зеро на дар ҳамаи минтақаҳои ҷаҳон барзиёданд, ки микдори иқтидори меҳнатӣ аз талаботи он зиёд ба чашм мерасад.*

***Ключевые слова:*** *трудовой потенциал, экономические отношения, регион, рабочая сила, трудовые ресурсы.*

*В статье рассматриваются вопросы теоретико-методологических основ исследования трудового потенциала. Отмечается, что теория трудового потенциала еще не полностью разработана, среди исследователей нет полного единства по ее концептуальной основе, не определено место трудового потенциала в категориальном ряду других социально-экономических концепций. В ходе исследования выявлено, что формирование и использование трудового потенциала как субъекта экономических отношений, норм и институтов является частью рынка труда. В статье также анализируется соотношение понятий «рабочие ресурсы», «рабочая сила» и «трудовые ресурсы».*

*Автор подчеркивает, что данный аспект социально-экономического содержания трудового потенциала специфичен для региона, но в меньшей степени, поскольку не избыточен во всех регионах мира, где объем трудового потенциала превышает его потребности.*

***Key words:*** *labour potential, economic relations, region, labour force, labour resources.*

*The article dwells on the issue concerned with theoretico-methodological grounds targeted at the study of labour potential. It is underscored that theory of the former in question has not yet been fully elaborated, there is no complete unity among researchers on its conceptual basis, and the position of labour potential in a categorical series of other socio-economic concepts is not determined. In the course of the study the author identifies that formation and usage of labour potential as a subject of economic relations, norms and institutions is considered to be a part of labour market. In reference to it, the author canvasses the relationship between the notions of “labour capacity”, “labour force” and “labour resources”.*

*The author lays an emphasis upon the idea that the relevant aspect of socio-economic content of labour potential is specific to the region, but to a lesser extent, as it is not excessive in all regions of the world, where the amount of labour potential exceeds its needs.*

Мафҳуми “иқтидори меҳнатӣ” дар адабиёти илмӣ солҳои 80-уми садаи XX ҳамчун категорияи нави иқтисодӣ пайдо шуд. Вай бо эҳтиёҷоти амалия ба миён омада, бо ҷустуҷӯи имкониятҳои нави эҳтимолӣ барои тезонидани суръати рушди иқтисодиёти минтақа алоқаманд аст. Натиҷаи табиии ин равандҳо ташаккули мафҳумҳои аз ҷиҳати маъно монанди “қувваи корӣ”, “захираҳои меҳнатӣ” ва “иқтидори меҳнатӣ” мебошад.

Ба маънои васеъ, вожаи “иқтидор” (аз калимаи лотинии potentia - қувва) ҳамчун “восита, захираҳо, манбаъҳои мавҷуда ва қобили сафарбар кардан, ба кор андохтан, барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххас, татбиқи нақша, ҳалли ягон масъала, имкониятҳои ашхоси алоҳида, ҷамъият, давлат дар доираи мушаххас” [2, с.428] маънидод карда мешавад.

Ташаккулёбӣ ва истифодаи иқтидори меҳнатӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои иқтисодӣ, меъёрҳо ва институтҳо ҷузъи бозори меҳнат мебошад. Дар бозори меҳнат, иқтидори меҳнатӣ қобилияти кории худро мефурӯшад ва ин қобилиятро ба муддати муайян мехарад.

Назарияи иқтидори меҳнатӣ то ҳанӯз ниҳоят ташаккул наёфтааст, дар байни муҳаққиқон ягонагии комили ақидаҳо оид ба асосҳои консептуалии он мавҷуд нест, мавқеи иқтидори меҳнатӣ дар силсилаи категориявии мафҳумҳои дигари иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда нашудааст.

Тавсифи иқтисодии мундариҷаи иқтидори меҳнатии минтақа дар таърифи он хеле равшан ифода ва инъикос ёфтааст. Аз ин рӯ, дар доираи тадқиқоти мазкур зарур аст, ки таърифҳои гуногуни мазмуни иқтисодии иқтидори меҳнатии минтақа дар шароитҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ таҳлил карда шаванд.

Ҳамзамон, хусусиятҳои мундариҷаи иқтисодии иқтидори меҳнатӣ чун мавзӯи баҳсу мунозираи тезу тунд ва ҷанбаҳои назариявию амалӣ ҳамчун мавзӯи муҳокимаи васеъ баромад мекунанд.

Иқтидори меҳнатӣ, ки яке аз мафҳумҳои муҳими иқтисодӣ буда, тафсирҳои зиёде дорад, аз ин рӯ, мо дар доираи таҳқиқоти мазкур таҳлили баъзеи онҳоро зарур мешуморем.

Дар асарҳои илмӣ олимон равишҳо ва ҷанбаҳои мухталифи назариявиро истифода мебаранд, ки мундариҷаи иқтисодии иқтидори меҳнатиро ҳамчун объекти идоракунӣ тавсиф мекунанд.

Ошкор намудани мазмуни иқтисодии иқтидори меҳнатӣ дар минтақа бо пайдоиши муносибатҳои молию пулӣ таваҷҷӯҳи олимонро ба худ ҷалб мекард, махсусан, ин шавқу ҳавас баъд аз тақсими сеюми ҷамъиятии меҳнат, яъне аз истеҳсолот ҷудо шудани савдо зиёд шуд.

Қайд кардан лозим аст, ки хусусиятҳои мӯҳтавои иқтисодии иқтидори меҳнатӣ (захираи меҳнатӣ ва қувваи корӣ) ҳамчун объекти идоракуниро олимон ҳам ба маънои маҳдуд ва ҳам ба маънои васеъ медиҳанд, ки минбаъд мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Барои аниқ кардани муносибати байни мафҳумҳои “иқтидори меҳнатӣ” ва “қувваи корӣ” ва “захираҳои меҳнатӣ” қайд мекунем, ки К.Маркс воқеан “иқтидори меҳнатӣ” ва “қувваи корӣ”-ро айният мешуморид. Дар боби 17 фасли 6-уми ҷилди якуми “Капитал” ӯ менависад: “Барои он, ки дар бозор ҳамчун мол фурӯхта шавад, меҳнат дар ҳар ҳол пеш аз ин фурӯш бояд мавҷуд бошад. Аммо агар корманд имкони мустақилона татбиқи меҳнатро дошта бошад, пас вай моли истеҳсолкардаи худро ба фурӯш мегузошт, на меҳнат” [7, с.545].

К.Маркс дар ин замина иқтидори меҳнатиро ҳамчун қувваи корӣ дарк менамояд ва менависад: “Воқеан, дар бозори мол ба соҳиби пул бевосита меҳнат не, балки коргар муқобил мегузорад. Он чизе, ки охирин мефурӯшад, иқтидори меҳнатии ӯ аст” [7, с.547].

Ғайр аз ин, К.Маркс нархи иқтидори меҳнатиро бо музди меҳнат муқоиса мекунад: “Нархи меҳнати ӯ ба нархи маҳсули меҳнат баробар мешавад” [7, с.546].

Бинобар ин, гарчанде ки К.Маркс на дар бораи иқтидори меҳнатӣ, балки қувваи корӣ навишта бошад ҳам, ӯ онҳоро ҳамчун муродиф қабул мекунад, ки ин, ба фикри мо, бо адолат аст.

Ва, аз ин лиҳоз, талабот ва пешниҳод ба иқтидори меҳнатӣ ташаккул меёбад, ё ба ибораи дигар, эҳтиёҷот ба иқтидори меҳнатӣ муайян карда мешавад, ва дар оянда вай ба муддати муайян фурӯхта ва харида мешавад.

Франсуа Кэне мазмуни иқтисодии иқтидори меҳнатиро тавассути бозори меҳнат, чун “...бозори меҳнат амали якдафъаина набуда, балки раванди мунтазам таҷдидшаванда, яъне ҳамчун такрористеҳсол” тавсиф мекунад. Ҷон Мейнард Кейнс дар асари худ “Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул” иқтидори меҳнатӣ ва пайдоиши бекории маҷбуриро ба ҳам мепайвандад [14, с.268].

Тибқи ақидаи Макконелл К.Р., Брю С.А. “Бозор ин муассиса ё механизмест, ки харидорон (такдимкунандагони талабот) ва фурӯшандагон (таъминкунандагон)-и баъзе молҳо ва хидматҳоро ба ҳам меорад” [9, с.61]. Ин таъриф басо пурмазмун буда, мӯҳтавои иқтидори меҳнатиро пурра инъикос мекунад. Дар зери фурӯшандагони мол ва хизматрасонӣ, ӯ иқтидори меҳнатиро мефаҳмад.

Барои таҳлили иқтидори меҳнатии минтақа, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон, назарияи А.Люис (Люис Артур-Уилям (1915-1991) дар бораи амсилаи пешниҳоди барзиёдии иқтидори меҳнатӣ аҳамияти хоса дорад. Асарҳои асосии ӯ: “Тараққиёти иқтисодиёт дар кишварҳои даромадашон паст” (1951), “Рушди иқтисодиёт бо пешниҳоди бемаҳдуди меҳнат” (1954), “Назарияи инкишофи иқтисодиёт” (1955), “Сиёсат дар Африқои Ғарбӣ” (1965), “Афзоиш ва тағйирпазирии солҳои 1870-1913” (1978) ба таҳқиқи иқтидори меҳнатӣ бахшида шудаанд. Амсилаи ӯ ба фарзия асос ёфтааст, ки зиёд будани иқтидори меҳнатӣ дар як бахш метавонад ба рушди иқтисодӣ дар бахшҳои дигар оварда расонад.

А.Люис консепсияи иқтисодиёти дуалиро (дугона) пешниҳод мекунад, ки дар он 2 соҳа: саноат ва хоҷагии қишлоқ мавҷуд буда, тамоми иқтидори меҳнатиро байни онҳо тақсим мекунад. Фарз мекунад, ки иқтидори меҳнатии барзиёд ё “зиёдатӣ” дар як соҳа боиси афзоиши соҳаи дигар мегардад.

Ҳамин тавр, дар бозори меҳнат “мӯътадилшавӣ” ва мувозинатии талабот ва пешниҳод ба амал меояд.

Мувофиқи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, амсилаи А.Люис “кор намеояд”. Зеро, дар консепсияи иқтисодиёти дуалистӣ ва кишоварзӣ, ва ҳам соҳаҳои саноат дараҷаи гуногуни пешравӣ ва сатҳи мухтадифи омодагии иқтидори меҳнатӣ дорои тахассуси гуногун мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки иқтидори меҳнатии хоҷагии қишлоқ талаботро дар бозори меҳнат “наёфта” бо тамоми шавқу рағбат дар саноат кор карда наметавонад, зеро тахассуси дахлдор надорад. Ғайр аз ин, худи саноат бо бисёр сабабҳои объективӣ ва субъективӣ бо қувваи пурра “кор намекунад”.

Таъкид мекунем, ки дар хоҷагии қишлоқи минтақа шумораи иқтидори меҳнатии иштиғол аз талабот ба он зиёд аст. Аммо ин боиси пешрафти иқтисодиёти саноати минтақа ва ҷумҳурӣ намегардад. Ба фикри мо, сабаби он “ақибмонӣ”-и иқтисодиёт дар маҷмӯъ, аз ҷумла саноат ҳам мебошад.

Дар ҷомеаи илмии Русия дар бораи истилоҳҳои “иқтидор” ва “иқтидори меҳнатӣ” тадқиқотҳои зиёд гузаронида мешаванд. Ҳамин тавр, Одегов Ю.Г., Журавлев П.В. қайд мекунанд, ки иқтидор се сатҳи робитаро муттаҳид мекунад:

- вақт;
- фазо (макон);
- дар ягонӣ амал кардан.

Аввалан, он гузаштаро тавсиф мекунад, зеро он хусусиятҳои андӯхтаи низомро дар худ муҷассам гардонида, ба фаъолият кардани он имкон медиҳад.

Дувум, он қобилияти ҳозира, яъне қобилиятҳои мавҷудаи воқеан истифодашаванда ё истифоданашавандаро инъикос мекунад.

Севум, иқтидор ба оянда нигаронида шудааст, яъне он доимо тағйир меёбад, инкишоф меёбад, қобилиятҳо, хусусиятҳои нав, аз ҷумла унсурҳои рушди ояндаро ҷамъ мекунад.

Категорияи “иқтидор” хосияти умумиилмӣ дорад: вай дар математика, физика, техника, биология, химия, иқтисодиёт, ҷамъиятшиносӣ ва дигар соҳахои дониш истифода мешавад.

Мафҳуми иқтидори меҳнатӣ дар таҳияи мушкилоти арзёбии маҷмӯии дараҷаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда фаъолона истифода мешавад. Аммо дар давраи минбаъда ғояҳо дар бораи иқтидори қувваҳои истеҳсолкунанда инкишоф наёфтанд ва, академик С.Г.Струмилин соли 1954 мафҳуми “иқтидори иқтисодӣ”-ро ба миён гузошт. Мафҳуми “иқтидори меҳнатӣ” дар аввали солҳои 1980-ум дар нашрияҳои илмӣ ҷои намоён пайдо кард.

Масъалахои ташаккулёбӣ, истифода ва идораи иқтидори меҳнатиро на танҳо иқтисоддонон, балки демографҳо, файласуфон, ҷомеашинос ва мутахассисони дигар соҳаҳои дониш низ муҳокима карданд. Дар натиҷа, доир ба тафсири мафҳуми нави иқтисодӣ миқдори зиёди нуқтаҳои назар ба миён омаданд.

Дар таърифи мафҳуми “иқтидори меҳнатӣ” то солҳои 1980-ум масъалаҳои баҳсталаб зиёд буданд. Ин мубоҳисаҳо ба амиқрафти таҳлили мушаххаси иқтисодии иқтидори меҳнатии ҷамъият мусоидат намуда, барои омӯзиши муфассали захираҳои меҳнат аз рӯи хусусиятҳои демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гурӯҳҳои касбӣ, минтақавӣ ва дигар фарқиятҳои сохторӣ замина гузоштанд.

Ба мушкилоти иқтидори меҳнатӣ асарҳои А.С.Панкратов “Идоракунии такрористеҳсоли иқтидори меҳнатӣ” (М., 1988), Р.П.Колосова “Иқтидори меҳнатии саноа”» (М., 1987), Н.А.Иванов,

Ю.Г.Одегов, К.Л.Андреев "Иқтидори меҳнатии корхонаи саноатӣ" (Саранск, 1988) ва ғайра бахшида шудаанд [5, с.21].

Тибқи ақидаи В.Д.Егоров як чиз: иқтидори меҳнатии минтақа воқеияти объективӣ мебошад, ки сазовори таваҷҷӯҳ ва таҳқиқи ҷиддӣ аст [5, с.10].

Дар айни замон, дар тадқиқоти илмӣ ва коркард оид ба муаммоҳои мухталифи назарияи иқтидори меҳнатӣ, масъалаҳои баҳодиҳӣ, ташаккул, таҷдид ва истифодаи самараноки идоракунии он фаъолона омӯхта мешаванд. Дар баробари ин, вобаста ба объекти таҳқиқот иқтидори меҳнатии корманд, корхона, соҳа, минтақа, кишвар ва умуман ҷомеа фарқ карда мешавад.

Ғояи зарурати таҳқиқи иқтидори меҳнатии минтақа чанде пеш дар байни олимон ба миён омада буд, зеро муддати дароз дар омӯзиши таҷдиди иқтидори меҳнатӣ равиши соҳавӣ татбиқ карда мешуд. Мушкилоти таҷдиди иқтидори меҳнатӣ, захираҳои меҳнатӣ дар минтақа дар асарҳои Т.В.Блинова, Н.И.Гвоздева, И.Е.Заславский, Г.С.Вечканов, В.Г.Костаков, А.Е.Котляр, А.С.Панкратов ва дигар муаллифон инъикос ёфтаанд.

Бо вуҷуди ин, то ҳол методологияи ягонаи омӯзиши иқтидори меҳнатии минтақа дар таъмини рушди иқтисодии минтақа таҳия нашудааст. Моҳиятан, таърифи аниқи категорияи "иқтидори меҳнатии минтақа" таҳия карда нашудааст, масъалаҳои баҳодиҳии он ва идоракунии такрористеҳсоли он дар дохили минтақа мавриди баҳс қарор доранд [3].

Барои дарки категорияи "иқтидори меҳнатии минтақа" ду равиши асосиро ҷудо мекунанд:

• захиравӣ;

• омилӣ.

Дар доираи равиши захиравӣ иқтидори меҳнатии минатқа бо захираҳои меҳнатии он амалан шабоҳат карда мешавад. Мувофиқи андешаи Л.И.Абалкин, иқтидор хусусияти ҷомеъи захираҳо ба макон ва замон вобастаро пешбинӣ мекунад. Ин равишро В.Г.Костаков ва А.А.Попов, ки нерӯи меҳнатиро чун "захираи мувофиқи меҳнат дар ягонагии ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии онҳо" баррасӣ менамоянд, зимнан асоси миқдорӣ ба аҳолии қобили меҳнат ва асоси сифатӣ сохтори ҷинсӣ ва синну солӣ, сатҳи маълумотнокӣ, омодагии касбӣ ва сафарбаркунӣ таалluқ дорад.

Чунин равишро дар таҳқиқоти Г.П.Сергеева ва Л.С.Чижова боздид кардан мумкин аст. Ба назари онҳо, "иқтидори меҳнатӣ – захираҳои меҳнатиест, ки ҷамъият дар ихтиёри худ дорад" [12, с.3].

Дар баробари ин, арзиши аслии иқтидори меҳнатӣ, ба назари олимон, аз рӯи шумораи аҳолии қобили меҳнат ва хусусиятҳои сифатии он (ҷинс, синну сол, маълумот, таълими касбӣ ва ғайра) муайян карда мешавад [13, с.9].

Иртибот ба ин, намояндагони равиши омилӣ иқтидори меҳнатиро ҳамчун шакли омили шахсӣ ё инсонӣ тавсиф намуда, тафсири сирф захиравии онро тавассути арзёбии имкониятҳои ҷомеа дар истифодаи қобилияти коргарон чун субъекти фаъоли истеҳсолот тавсиф менамоянд [8, с.30].

Ҳамин тавр, дар асарҳои М.И.Голдин дар зери мафҳуми иқтидори меҳнатӣ "шакли зуҳуроти омили инсонӣ, тадбирҳои интегралии қобилияти меҳнатӣ" фаҳмида мешавад [4, с.3]. Ба ақидаи Р.П.Колосова, иқтидори меҳнатӣ – ин муҳимтарин нишондиҳандаи умумияти дараҷаи инкишофи имкониятҳои фаъолияти эҷодии омили инсонӣ мебошад [7, с.8]. Чунин фаҳмиши иқтидори меҳнатӣ аз ҷониби А.С.Панкратов низ баён шудааст.

Вай мафҳуми баррасишавандаро ҳамчун шакли таркибие шарҳ медиҳад, ки қобилияти ҷамъиятро аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ дар динамика барои мувофиқи талаботи тараққиёти он таъмин намудани омили инсонии истеҳсолот тавсиф мекунад [13, с.9].

Аммо барои дарки моҳияти категорияи "иқтидори меҳнатии минтақа" равиши сеюм (омехта) низ мавҷуд аст, ки як навъ омезиши равишҳои якум ва дувум аст. Намояндагони маъруфи равиши омехта И.С.Маслов, М.М.Магомедов ва баъзе муаллифони дигар мебошанд.

Иқтидори меҳнатии минтақа, тибқи андешаи И.С.Маслова, категорияи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ буда, аз ҷиҳати мазмун ва мақсади худ аз категорияи иқтисодию демографии "захираҳои меҳнатӣ" фарқ мекунад ва "хусусияти ҷамъбасткунандаи ченак ва сифати маҷмӯи қобилиятҳо барои фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ки кадоме имконоти шахси алоҳида, гурӯҳи одамон, тамоми аҳолии қобили меҳнатро аз рӯи иштироки онҳо дар меҳнат муайян мекунад" [10, с.14; 11, с.27].

Чунин нуқтаи назарро М.М.Магомедов ҷонибдорӣ намуда, иқтидори меҳнатии минтақаро ҳамчун категорияи бисёрсатҳаи интегралӣ баррасӣ намуда, "миқдор, сифат ва андозаи қобилияти амалӣ намудани фаъолияти фоиданоки ҷамъиятии он қисми аҳолии қобили меҳнатро тавсиф менамояд, ки ба меҳнат майлу рағбат дорад (аз ҷумла, бо кор таъмин ва бекорон), ки имкон медиҳад, ки ба воситаи низоми мушаххаси шаклҳо ва муносибатҳои иштиғол дигар қисмҳои иқтидори иқтисодӣ фаъол карда шавад" [8, с.14].

Дар доираи ин тадқиқот, барои дарки категорияи иқтидори меҳнатии минтақа чун “маҷмӯи имкониятҳои аҳолии қобили меҳнати минтақа, ки дар асоси ҳувияти аҳолӣ, вижагиҳои инкишофи таърихии минтақа ва ғайра ташаккул ёфтаанд” равиши омехтаро риоя хоҳем кард. Хусусияти чунин мундариҷаи иқтидори меҳнатӣ аз он иборат аст, ки ба корфармо “имконият” –и беасос коҳиш додани нархи “бе ин ҳам арзон”-и иқтидори меҳнатӣ дода мешавад.

Дар инкишофи назарияи бозор ва ошкор намудани мазмуни иқтисодии иқтидори меҳнатии минтақа олимони ватанӣ низ саҳми арзанда гузоштаанд. Инак, дар таҳқиқоти монографии худ профессор Исмоилов М., Ҳуҷамқулов Р. қайд мекунанд, ки “иқтидори меҳнатӣ ҷузъи низоми бозорӣ буда, ба нақши он дар раванди таҷдидшаванда таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд”. “Хусусияти истеҳсолот ҳамчун категорияи иқтисодӣ аз шаклҳои гуногуни моликият, иқтидори меҳнатӣ ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ вобаста аст” [6, с.5].

Дар ин тавсиф, мӯҳтавои иқтисодии иқтидори меҳнатӣ тавассути раванди такрористеҳсолӣ зоҳир мегардад ва бо ҳамин ҷиҳати молию пулии ташаккул, истифода ва идораи он ба таври васеъ таъкид карда мешавад.

Дар навбати худ, профессор Амонова Д.С. ба ҷанбаи дигари тавсифкунандаи мундариҷаи иқтидори меҳнатӣ, маҳз таъсири иқтидори меҳнатӣ ба хусусияти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ишора мекунад: “ислоҳоти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо роҳи танзими бозори меҳнат ва ҳалли мушкилоти иштиғоли аҳолӣ”. Дар ин ҷо, нақши иқтидори меҳнатӣ, мукаммал гардондани хусусиятхои он нишон дода шудааст, ки ин дар идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар пешрафти иқтисодиёти минтақа хеле муҳим аст.

Нуқтаи назари профессор Амонова Д.С.-ро эътироф намуда, таъкид мекунем, ки муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба самаранокии идоракунии иқтидори меҳнатӣ таъсир мерасонанд, бояд зикр намуд, ки қайд карда нашудааст, ки муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ инчунин ба хусусияти муносибатҳои иқтисодии иқтидори меҳнатӣ дар бозори меҳнат дар шароити шумораи сершумори онҳо таъсир мерасонанд.

Аз ҳад зиёд будани пешниҳоди иқтидори меҳнатӣ нисбат ба талаботи он дар минтақа, ба муносибати байни корфармо ва корманд таъсири манфӣ мерасонад, ки ҳамчун муносибатҳои “соҳиб ва корманд” амал карда, аҳамияти кормандро, ки дар таърифи муаллифии иқтидори меҳнатӣ зикр шудааст, паст мезанад.

Аз ин рӯ, аҳамияти идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодии минтақа боз ҳам бештар ба назар мерасад. Профессор Ашӯров С. пешниҳод менамояд, ки “тафсири мундариҷаи иҷтимоию иқтисодӣ ва сохтори бозори меҳнат бидуни робита бо “шуғли эҳтимолӣ” ва “бекории демографӣ” нопурра хоҳад буд [1, с.20]. Дар ин ҷо, иқтидори меҳнатӣ бо муаммои демографӣ нишон дода шудааст.

Ба фикри мо, ҷанбаи зикршудаи мундариҷаи иҷтимоию иқтисодии иқтидори меҳнатӣ барои минтақа хос аст, вале то андозае танг аст, зеро на дар ҳамаи минтақаҳои ҷаҳон барзиёданд, ки микдори иқтидори меҳнатӣ аз талаботи он зиёд аст. Дар ҷанбаи пешниҳодшуда, тавсифи мундариҷаи иқтидори меҳнатӣ аз мазмуни классикии иқтидори меҳнатӣ ҳамчун субъекти бозори меҳнат ва соҳае, ки дар он талабот ва пешниҳод ба меҳнати муайян ташаккул меёбад, то андозае дур аст. Ё худ, иқтидори меҳнатӣ объекти ҳамкории мутақобилаи иқтисодии байни фурӯшандагон ва харидорон мебошад, ки талабот ва пешниҳоди иқтидори меҳнатиро ифода мекунад.

АДАБИЕТ


1. Ашуров С. Б. Формирование и регулирование трудового потенциала (теория, методология и практика): автореф. дис. … д-ра экон. наук: 08.00.05/ Ашуров Субхонидин Бурхонович. – Душанбе, 2012. – 20 с.
2. Большая Советская Энциклопедия: В 30 т. – Т. 20 / Под ред. А.М. Прохорова. – Изд. 3_е. – М.: Советская энциклопедия, 1975. – С. 428.
3. Быкова Е.В. Формирование и использование трудового потенциала региона в переходной экономике России: дис. ... к. э. н. – Саратов, 2000. – 187 с.
4. Гольдин М.И. Актуальные проблемы развития трудового потенциала общества зрелого социализма // Вопросы философии. – 1982. – №5.– С. 3-16.
5. Егоров В.Д. Трудовой потенциал: формирование и использование в условиях рыночной экономики: Автореф. дис. ... к. э. н. – Москва, 2004. – 30 с.
6. Исмаилов М.М.,Худжамкулов Р.Б. Оплата и стимулирование труда на промышленных предприятиях Таджикистан а в рыночных условиях хозяйствования // – Худжанд: Дабир, 2018. – 200 с.

7. Маркс К. Капитал. //Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. – 800 с.;. Колосова, Р.П. Трудовой потенциал промышленности [Текст] / Р.П. Колосова. – М.: МГУ, 1987 – 162 с.
8. Магомедов, М.М. Трудовой потенциал в стратегии социально-экономического развития (региональный аспект) [Текст]: автореф. дис. на соиск. уч. ст. д.э.н.: 08.00.05 / М.М. Магомедов. – М.: Институт экономики РАН, 2001. – 56 с.
9. Макконнелл К.Р., Брю С.А. Экономикс. - М.: ИНФРА-М, 2003. – 983 с.
10. Маслова И.С. Трудовой потенциал советского общества // Вопросы теории и методологии исследования. – М., 1987. – 125 с.
11. Маслова И.С. Особенности российского рынка труда // Человек и труд. – 1993. – №3. – С. 24-29.
12. Сергеева, Г.П. Трудовой потенциал страны [Текст] / Г.П. Сергеева, Л.С. Чижова. – М., 1982. – 64 с.
13. Трудовой потенциал региона: состояние и развитие [Текст] / В.А. Ильин, К.А. Гулин, Г.В. Леонидова, В.В. Давыдова. – Вологда: ВНКЦ ЦЭМИ РАН, 2004. – 107 с.
14. Экономическая история. История экономических учений. / Р.М.Гусейнов, В.А. Семенихина. – М.: -Л, 2006.– 500 с.

REFERENCES

1. Ashurov S.B. Formation and Regulation of Labour Potential (theory, methodology and practice): synopsis of candidate dissertation in economy: 08.00.05 / Ashurov Subhonidin Burhonovich. - Dushanbe, 2012. - 20 p.
2. Great Soviet Encyclopedia: In 30 volumes - T. 20 / Ed. A.M. Prokhorov. - Ed. 3_e. - M .: Soviet encyclopedia, 1975.- P. 428.
3. Bykova E.V. Formation and Use of Labour Potential of the Region in the Transitional Economy of Russia: synopsis of candidate dissertation in economy: - Saratov, 2000. – 187 p.
4. Goldin M.I. Actual Problems of Development of Labour Potential of a Society of Mature Socialism // Problems of Philosophy. - 1982. - No. 5. - P. 3 – 16.
5. Egorov V.D. Labour Potential: Formation and Use in a Market Economy: synopsis of candidate dissertation in economy: - M., 2004. – 30 p.
6. Ismailov M.M., Khudzhamkulov R.B. Payment and Labour Incentives at Industrial Enterprises in Tajikistan and under Market Conditions of Management. – Khujand: Dabir, - 2018. – 200 p.
7. Karl Marx, Capital, vol. 1, chapter 17. – 800 p.; Kolosova R.P. Labour Potential of the Industry. - M., 1987. – 162 p.
8. Magomedov M.M. Labour Potential in the Strategy of Socio-Economic Development (regional aspect): synopsis of candidate dissertation in economy. – M., 2001. – 56 p.
9. McConnell C.R., Bruce S.A. Economics. - M.: INFRA-M, 2003. - 983 p.
10. Maslova I.S. Labour Potential of the Soviet Society // Problems of Theory and Research Methodology. - M., 1987. – 125 p.
11. Maslova I.S. Features of the Russian Labour Market // Man and Labour. - 1993. - No. 3. - P. 24 – 29.
12. Sergeeva G.P., Chizhova L.S. Labour Potential of the Country. - M., 1982. – 64 p.
13. Labour Potential of the Region: State and Development / V.A. Ilyin, K.A. Gulin, G.V. Leonidova, V.V. Davydov. - Vologda: VNKTs CEMI RAN, 2004. – 107 p.
14. Economic History. History of Economic Thought. / R.M. Guseinov, V.A. Semenikhin. - M.,- L, 2006. – 500 p.